Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 32 саҳ.).**

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини сулҳу субот дар мамлакат, зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи нави инкишофи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ ба миён омад. Дар ҳамин ҷараён, аввалин маротиба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 аз ҷониби мақоми қонунгузории мамлакат қабул гардид.

Бояд иброз дошт, ки хусусияти хоси ин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар фарқият аз санадҳои қаблӣ дар он аст, ки фарогири як қатор институтҳои алоҳидаи моҳияти инсондӯстонадошта мебошад. Яке аз чунин институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ – ҷазо, яъне ҷазои корҳои ислоҳӣ ба шумор меравад, ки заминаи онро сиёсати инсонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Пешвои миллат дар ҳар як суханронии худ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъкид менамоянд, ки «Вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо ба маҳбас кашидани мардум нест, балки

вазифаи онҳо, инчунин, пешгирии ҷиноят, яъне аз маҳбас эмин доштани инсонҳо мебошад. Зеро дар паси ҳар як шахс як хонавода ва сарнавишту зиндагии ӯ қарор дорад».

Ҳамчунин, ҷиҳати шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои натиҷабахшро дар даврони Истиқлолияти давлатӣ рӯйи даст гирифт ва дар сатҳи конститутсионӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ маънидод намуд. Аз ин рӯ, на дар ҳама маврид шахси ҷиноятсоркарда сазовори ҷазоҳои вазнин ва дур кардан аз ҷомеа мебошад. Бинобар ин, қонунгузории ҷиноятӣ ҷазои корҳои ислоҳиро муқаррар намудааст, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, аз ҷониби судҳо ба инобат гирифта шуда, нисбати шахсони маҳкумшуда татбиқ карда мешавад. Таҳлилҳои анҷомдодаи муаллиф нишон медиҳанд, ки тақрибан 5% ҷазоҳои таъиншуда ҷазои корҳои ислоҳиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, баҳодиҳии таҷрибаи татбиқи ҷазои корҳои ислоҳӣ тартиби иҷро ва адои он ва пешбинӣ намудани инкишофи минбаъдаи он бидуни ба роҳ мондани таҳқиқотҳои амиқи илмӣ имконнопазир мебошад. Маҳз бо назардошти мубрамияти ҷазои мазкур дар ҷомеа, имрӯз зарурат ба миён омадааст то дар муҳити илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии он мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Н.М. саривақтӣ буда, мубрамияти худро дар ҷомеаи имрӯза, ки дар он принсипи инсондӯстӣ мақому манзалати хос дорад, бештар соҳиб шудааст.

Таҳқиқоти Нодирзода Н.М. фарогирандаи феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Маврид ба тазаккур аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-

ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо омода карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмӣ-амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар инкишофи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таҷдиди қонунгузории ҷиноятӣ ва ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бартараф намудани мушкилиҳои нозироти корҳои ислоҳиро дар ин самт, саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 ададӣ онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Нисбат ба автореферати диссертатсия чунин эродҳоро манзур менамоем:

Аз матни автореферат маълум мегардад, ки муаллиф ба масъалаҳои иҷро ва адои корҳои ислоҳӣ нисбати ноболиғон таваҷҷуҳ накардааст. Ба андешаи мо агар муаллиф масъалаҳои иҷро ва адои ҷазои мазкурро нисбати ноболиғон низ мавриди таҳлил қарор медод, ин мазмуни таҳқиқотро боз ҳам пурратар менамуд.

Бояд зикр кард, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда,

муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз,**
Декани факултети педагогика ва варзиш,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Муқимов С.Д.

Имзои Зокирзода З.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.
« 15 » 01 2025 с.

**Суроғаи муқарриз:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,734025, ноҳияи Рашт,**
**ш. Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин-63,**
**Тел.: (8) 313121103; +992934051108**
**E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru**